# ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи илмии Абдусамадзода Бахтулло Абдулмарот дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Қайд намудан ба маврид аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ташаккули тарзи ҳаёти инсон як қатор қонуну қарорҳоро қабул карда намудааст. Яке аз ин қарорҳо «Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011 – 2020» мебошад, ки дар он қайд шудааст, ки «Дар кори муҳофизат ва мустаҳкам намудани саломатӣ, ки аҳамияти аввалиндараҷа дорад, тарзи зисту зиндагии инсон накши асосӣ мебозад. Ташаккули тарзи ҳаёти солим ва муносибати масъулиятнок нисбат ба саломатии худ ба сатҳи маърифату маданияти аҳолӣ вобаста мебошад».

Аз мухтавои барнома бар меояд, ки мо  вобаста ба ташаккули тарзи ҳаёти солим ва муносибати масъулиятнок нисбат ба саломатии худ ва хурдсолон масъулияти ҷиддӣ зоҳир намоем.

Зикр намудан ба маврид аст, ки дар замони ҳозира ташаккули тарзи ҳаёти солим яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули тарзи ҳаёти солими хонанадагон яке аз мафҳумҳои муҳими сиёсӣ ва иҷтимоию педагогӣ ба ҳисоб меравад, ки онро талаботи объективии ҷамъияти имрӯза ба миён гузоштааст.

Гарчанде дар замонҳои қадим мафҳуми тарзи ҳаёти солим дар байни одамон истифода нашуда бошад ҳам, вале ба таври умумӣ мазмуни масъалаҳои ба таркиби он дохилбуда фаҳмида мешуд. Дар ҳама давру замонҳо мутаффакирон дуруст дарк мекарданд, ки инсон қисми бесаломатӣ зиндагӣ карда наметавонад. Аз ин рӯ дар хонандагони хурдсол ташакулли тарзи ҳаёти солимро аз хурдсолӣ сар карда, дар насли наврас тарбия кардан лозим аст.

Мавзӯи интихобнамудаи муҳақиқ яке аз мавзӯҳои муҳими рӯзмара ба ҳисоб меравад. Бовари ҳаст, ки мавзӯи таҳқиқшаванда дар ҳаёти сиюсию иҷтимоии ҷомеа накш хоҳад гузошт.

Муҳақиқ дар рисолаи худ аз адабиётҳои зиёди илмӣ ва ҳуҷҷатҳои таърихию бойгонӣ ба таври васеъ истифода нумуда, паҳлуҳои норавшани ин мавзӯро хеле хуб мавриди омӯзиш қарор додааст.

Камбудиҳое, ки дар рисола ба назар мерасанд камбудиҳои техникӣ ба ҳисоб рафта ба сифати рисола таъсир намерасонд.

Мазмуни асосии диссертатсия дар 6 мақолаи нашр шудааст ва аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷуҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия чоп гардидаанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулмарот дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ» кори илмии ба анҷомрасида ба ҳисоб рафта, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назариявӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, тибқи меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» (Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон, №505 аз 26.11.2016) омода гардида, ба тамоми талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва худи муаллиф Абдусамадзода Б.А. сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои педагогӣ,
мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи
Рӯдакӣ Лоиқов Парвиз Ҷумахонович

Маълумот барои тамос: 735360, Чумҳурии Тоҷикистон,
ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16.
Тел: (83322) 235-06
E-mail: info@kgu.tj

Имзои Лоиқов П.Ҷ.-ро
тасдиқ менамоям. Сардори раёсати
кадрҳо ва КМ-и ДДК ба номи
Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Файзуллохоҷа Азизович